# ТАКРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи илмии Сафари Нусратулло дар мавзуи «Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз руйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии Табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ)**

Бо назардошти оне, ки мамлакати мо то 93 % кӯҳсор аст, коркарди конҳо ва истихроҷи маъданҳои кухӣ сол аз сол рӯ ба афзоиш меравад. Дар баробари ин вазъи экологии ин минтақаҳо тайғирёфта метавонад ба муҳити атроф таъсири худро расонад.

Мавзуе, ки унвонҷӯ Сафари Нусратулло интихоб кардааст, ба мавзуи муҳими геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат таълуқ дошта, мақсади асосии он арзёбии геоэкологии пайдоиши партовҳои саноати кӯҳӣ, ошкор намудани миқёси ифлосшавии муҳити зист бо мақсади барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногенӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба коҳиш додани хавфҳои геологӣ мебошад. Минтақае, ки унвонҷӯ барои тадқиқот интихоб кардааст, минтақаи аз канданиҳои фоиданок бой буда, коркарди ин конҳо таъсири худро ба муҳити атроф мерасонад. Партовҳои дар натиҷаи ин фаъолият ба вуҷуд меояд манбаи хатарноки ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминии ҳавзаи дарёи Зарафшон ва шохобҳои он ба шумор меравад.

Бо назардошти он, ки майдони маъдании Чоре объекти пурра наомӯхташуда маҳсуб меёбад, аз ҷониби унвонҷӯ бори нахуст хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва таъсири он ба муҳити атроф омӯхта шудааст, аз ҷумла:

- хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва таъсири он ба муҳити табиӣ муайян карда шудаст;
- қонуниятҳои тағйири таркиби физикию-кимиёии шабакаҳои экологии дарёҳо ва обҳои зеризаминӣ, хокҳо дар минтақаи майдони маъданӣ муайян карда шудааст;
- усули барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногении майдони маъдании Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавори он таҳия карда шуд;
- маҷмӯи чораҳои муҳофизатии табиӣ ва таҳияи чорабиниҳо оид ба бартарафсозӣ ва коҳиш додани онҳо ҷорӣ карда шудаанд.

Аз мутолеаи фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки унвончу таҳлилу баррасии диссертатсияи хешро дар пояи усулҳои маъмули илми

«Геоэкология», ки таъсири равандҳои геологӣ дар кори экосистемаҳо бо назардошти фаъолияти инсон меомӯзад, истифода намудааст.

Натиҷаҳои асосии илмӣ ва амалӣ аз ҷониби муаллиф мувофиқи мақсад ва вазифаҳои муайяншудаи тадқиқот пешниҳод карда шудааст.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар фишурдаи диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳ талаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзоянд, аз ҷумла:

1. Дар фушурдаи диссертатсия масоҳати умумии майдонҳои зери тадқиқот қарордошта оварда нашудааст, аз ҷумла майдони маъдании Чоре;
2. Дар фишурдаи диссертатсия маълумот дақиқ вобаста ба ифлосшавии химиявӣ ва радиатсионии хок ва маъданҳои аз конҳо берун овардашуда дар минтақаи тадқиқотшаванда оварда нашуддааст;
3. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд;

Камбудиҳои зикршуда чузъӣ ва ислоҳшаванда буда, қимати илмии рисоларо кам накардаанд. Дар мачмуъ, рисолаи илмии Сафари Нусратулло дар мавзуи «Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони марказӣ)» аз руйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) кори анҷомёфта буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия арзанда мебошад.

Мудири сектори илмӣ-тадқиқотии
Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ, н.и.т. Ҳамидов Ф.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони А.Рудакӣ 33а, E-mail: f.khamidov@cbrn.tj

*Имзои н.и.т. Ф.А Ҳамидовро тасдиқ менамоям.*
Мудири шуъбаи кадр,
коркугозорӣ ва назорати
Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ Шосафарова Ш.Г.